# РӮЗИ МОДАР МУБОРАК, МОДАРОНУ ХОҲАРОН ВА БОНУВОНИ ГИРОМӢ!

*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 34 (4617) | СЕШАНБЕ, 7 МАРТИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



# МОДАРОНУ БОНУВОН НЕРУИ БУЗУРГИ СОЗАНДА, ТАРБИЯКУНАНДА ВА ПЕШБАРАНДА МЕБОШАНД

## Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Модар

**7 - уми марти соли 2023, шаҳри Душанбе**

**Модарону бонувон ва хоҳарони азиз!**

Ҳамаи шуморо ба ифтихори ҷашни мубораку фархундаи Рӯзи Модар, ки ҳар сол дар рӯзҳои нахустини фасли зебои баҳор таҷлил мегардад, сидқан шодбош мегӯям. Ба ҳар яки шумо, пеш аз ҳама, саломатӣ, хушбахтии оилавӣ ва рӯзгори ободу босаодат орзу менамоям.

Ба оғози баҳор ва давраи омодагӣ ба Наврӯз рост омадани Рӯзи Модар рамзи ҳамоиши ду неруи бузурги зиндагиофар аст. Зеро, агар Наврӯз оғози эҳёи табиат бошад, зан - модар офарандаи ҳаёти инсонӣ мебошад. Ба ибораи дигар, зиндагии аҳли башар аз домони поки модар ва шири сафеду ҷонбахши ӯ сарчашма мегирад.

Тамоми бузургони оламро, ки хизматҳои барҷастаи таърихӣ анҷом додаанд ва инсоният бо ному корномаи онҳо ифтихор мекунад, модар ба дунё овардааст ва дар оғӯши пурмеҳри худ парваридааст.

Бо самимияту дӯстдорӣ ва муҳаббату қадршиносӣ ҷашн гирифтани Рӯзи Модар дар кишвари мо нишонаи эътибору эҳтироми Давлату Ҳукумат ва мардуми мамлакат ба модар ва қадру манзалати шоистаи ӯ мебошад.

Модар мураббии нахустини инсон, субҳи гулафшони баҳор, хуршеди ишқу муҳаббат, паёмовари сулҳу сахо ва дарёи бепоёни меҳр аст. Маҳз ба ҳамин хотир, модарро дар адабиёти ҷаҳонӣ «фариштаи меҳр» ва «мавҷуди муқаддас» номидаанд.

Мехоҳам бо ифтихор хотирнишон намоям, ки кӯшишу талоши модари тоҷик ба хотири рушди маънавиёти оила ва ҷомеа, ташкили оилаи солим, тарбия кардану ба камол расонидани фарзандони солиму солеҳ, соҳибмаърифату соҳибкасб ва созандаву ободгар, воқеан, қобили ситоишу қадрдонист.

Далели бебаҳс аст, ки симои занони соҳибмаърифат, ҷасуру далер ва адолатпарвари тоҷик аз паси садсолаҳо дар лаҳзаҳои ҳассоси таърихи халқамон ба мардуми мо тавону неру мебахшад.

Занону бонувон ва хоҳарону духтарони мо имрӯз бо рафтору гуфтори нек, андешаи солим, нангу номус ва маҳорату кордонии худ дар ободиву пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми басо арзишманд доранд.

Ҳукумати мамлакат, бо дарназардошти нақши муассири занону бонувон дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар, таъмини ҳуқуқу манфиатҳои занону модаронро яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати худ қарор додааст.

Мо ҳамеша ба масъалаи беҳбудии вазъи занону бонувон таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда, ташаббусҳои созандаашонро пайваста дастгирӣ менамоем ва барои амалӣ гардидани иқдомҳои неку наҷиби онҳо заминаву имкониятҳои мусоид фароҳам меоварем. Аз ҷумла, ба хотири ҳимояи ҳуқуқи занон ҳоло тамоми заминаву имкониятҳои муосири қонунӣ фароҳам оварда шудаанд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 60 санади меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шуд, ки амалисозии онҳо боиси ба маротиб беҳтар шудани вазъи иҷтимоии занону духтарон гардид.

Илова бар ин, тибқи супоришҳои дар паёмҳои қаблии Роҳбари давлат гузошташуда, танҳо дар ду соли охир ду ҳуҷҷати муҳим - «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 - 2030» ва «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони болаёқат барои солҳои 2023 - 2030» қабул карда шуд.

Фароҳам овардани замина ва шароити зарурӣ барои инкишоф ва истифодаи ҳар чӣ бештари қобилияти занону бонувон дар ҳамаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва бо ҳамин роҳ таъмин намудани рушди устувори ҷомеа ҳадафи асосии ҳуҷҷатҳои зикршуда мебошад. Ҳамчунин, аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ҷиҳати амалӣ намудани ҳадафҳои «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», ки дар он то ба 30 фоиз расонидани шумораи хизматчиёни давлатӣ ва ба 25 фоиз расонидани кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони болаёқат пешбинӣ гардидааст, андешидани тадбирҳои зарурӣ идома дорад.

Имрӯз занону бонувони тоҷик, ҳамчун аъзои Ҳукумат ва вакили парламент, инчунин, дар мақомоти ҳокимияти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ масъулияти идоракуниро бошарафона иҷро мекунанд. Онҳо, дар баробари ин ки сиёсатмадор, омӯзгору табиб, муҳандис, энергетик ва варзишгаранд, ҳамчун олиму ихтироъкор, ҳунарманду эҷодкор, хоҷагидору соҳибкор ва муҳофизи Ватан фаъолият доранд.

Ҳоло 25 фоизи хизматчиёни давлатии кишвар, аз ҷумла 20 фоизи кадрҳои роҳбарикунанда, аз ҳисоби занону бонувон мебошанд. Занону бонувон дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фарҳанг, хизматрасонии иттилоотӣ, бонкдорӣ ва дигар бахшҳо аксариятро ташкил медиҳанд.

Дар бунёди иншооти муҳими аср - Неругоҳи барқи обии «Роғун» 900 нафар занон баробари мардон заҳмат кашида истодаанд. Ҳамчунин, 25 фоизи соҳибкорони инфиродӣ ва 23 фоизи роҳбарони хоҷагиҳои деҳқонӣ занону бонувон мебошанд.

Занону бонувони тоҷик дар замони соҳибистиқлолӣ собит намуданд, ки дар эҳёи ҳунарҳои миллӣ, таъсиси коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ, рушди ҳунарҳои мардумӣ, косибӣ ва соҳаи кишоварзӣ таҷрибаву маҳорат ва малакаву қобилияти баланд доранд.

Мо хуб дарк мекунем, ки модари озоду солим ва донишманду эҷодгар сарчашмаи хонаи обод, ҷомеаи солим, манбаи рушди илм, омили ташаккули хиради халқи эҷодгар ва кафили сулҳу суботи устувори мамлакат мебошад.

Соҳиби саводу маърифат ва илму дониш будани занону бонувон асоси оилаи солим ва албатта, омили муҳимтарини пешрафти ҷомеа ба ҳисоб меравад. Яъне, ҳар чӣ қадар ки духтарон ва занону бонувон босаводу соҳибмаърифат бошанд, оилаҳо солиму мустаҳкам, фарзандон таълиму тарбиядида ва ҷомеа пешрафта мегардад.

Дини мо, ҳидоятҳои хирадмандонаи бузургони мо ва табиати ҳуқуқии давлатамон моро вазифадор кардаанд, ки барои саводнокии духтарону бонувон дар баробари мардон чораҷӯиҳо намоем. Маҳз ба ҳамин хотир, мо барои таҳсили духтарон ва афзоиши шумораи мутахассисони маълумоти олидор аз ҳисоби онҳо, хусусан духтарони ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон, тамоми шароити заруриро муҳайё кардаем.

То имрӯз садҳо ҳазор нафар духтарон, аз ҷумла даҳҳо ҳазор тибқи квотаи президентӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии кишварро хатм намуда, ҳоло дар соҳаҳои гуногун бо азму талош ва ташаббусҳои созанда фаъолият карда истодаанд. Натиҷаи чунин дастгириву ғамхориҳои Давлату Ҳукумат аст, ки ҳоло танҳо дар соҳаи маориф ва илми мамлакат ҳазорон нафар занону духтарон муваффақона кору фаъолият доранд.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# МУЛОҚОТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО АННА БЙЕРДЕ



**7-уми марти соли 2023 дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ноиби Президенти Бонки ҷаҳонӣ оид ба Аврупо ва Осиёи Марказӣ хонум Анна Бйердеро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар мулоқот масоили ҳамкории кунунӣ ва дурнамои робитаҳои Тоҷикистон бо Бонки ҷаҳонӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сатҳи ҳамкории дуҷонибаи Тоҷикистону Бонки ҷаҳонӣ дар 30 соли шарикӣ ва татбиқи лоиҳаҳои гуногун дар кишвари мо бо иштироки ин ниҳоди молиявӣ изҳори сипосу қаноатмандӣ карданд.

Зимни суҳбат оид ба ҷалби бештари сармоягузориҳои шарикони рушд ба соҳаҳои тандурустӣ, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат табодули андеша сурат гирифт.

Дастгирии идомаи ислоҳоти иқтисодӣ, маблағгузорӣ баҳри рушди соҳаи энергетика ва таъмини амнияти озуқаворӣ аз ҷумлаи ҳамкориҳои судманди Тоҷикистону Бонки ҷаҳонӣ арзёбӣ гардид.

Дар робита ба вазъи мураккаби геосиёсии ҷаҳони имрӯза ва шиддат гирифтани пайомадҳои он ҷиҳати пешгирӣ ва коҳиш додани таъсири хавфҳо ва омилҳои манфии таъсиррасон ба иқтисоди миллӣ роҳандозии татбиқи ислоҳоти муттасил зарур шумурда шуд.

Дар рафти мулоқот ҷонибҳо, ҳамчунин, оид ба дигар мавзӯъҳои мавриди таваҷҷуҳ гуфтугӯи судманд анҷом доданд.

---

**www.president.tj**

Қадршиносӣ

# МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БОНУВОНИ ПАРЛУМОНРО ТАБРИК НАМУД

**Ҳафтуми марти соли равон Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бонувони парлумони касбии мамлакатро бо Рӯзи Модар табрик намуд.**

Номбурда иброз намуд, ки дар ин рӯзҳои шукуфтани табиати биҳиштосои Ватани маҳбубамон боз ба ҷашни фархундаи Рӯзи Модар расидем.

Рӯзи Модар ҷашнест, ки ба шарофати он сухан аз муҳаббат, самимият, покию иззат, шарафу номус ва офарандагии Зан - Модар меравад. Асли ин ҳама сифатҳо дар тиннати поки модар маҳфуз мебошад. Биноан, исми муқаддаси модар ҳаммаънои офарандагӣ ва ҳаммаъвои зиндагии башарият қарор гирифтааст.

Дар ситоиши Зан-Модар волотарин суханҳо иброз шуда, зани зебопарасту озоданажод, диловару мубориз, бонангу номус, далеру шуҷоъ, ватандӯсту ватанпарвар, озодихоҳу адолатпарвар ва кадбонуву ҳунарманди тоҷик ҳанӯз се ҳазор сол қабл дар матнҳои суғдиву паҳлавӣ тасвир ёфтааст.



- Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба модарону занон арҷ гузошта, иброз намудаанд, ки: «Сатҳи маърифати ҷомеа ва нуфузу эътибори он аз рӯи муносибат ба Зан-Модар муайян карда мешавад, аз рӯи он арзёбӣ мегардад, ки занон чӣ андоза соҳибмаърифату соҳибкасбанд ва чӣ андоза дар ҳаёти ҷомеа фаъол мебошанд».

Маҳмадтоир Зокирзода, ҳамчунин, иброз намуд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ташаббусҳои беназир саҳми занонро дар ҷомеа боз ҳам баландтар бардошта истодаанд, то ба ҷаҳониён маълум намоянд, ки зани тоҷик қудрату тавоноии анҷоми ҳама корро дорад. Дар даврони истиқлолияти давлатӣ рӯз ба рӯз дар мақомоти давлатӣ мақом ва мартабаи занон афзуда истодааст. Ин ҳама талошу заҳматҳои Сарвари давлатамон мебошад, ки барои занон, ҷавондухтарони тоҷик тамоми имтиёзҳоро муҳайё намудаанд.

- Шуморо бо ҷашни фархунда - Рӯзи Модар табрик намуда, бароятон саломатии бардавом, хушбахтиҳои бепоён ва сарбаландиву пирӯзиҳо таманно менамоям, - гуфт дар интиҳо Маҳмадтоир Зокирзода.

***

Худи ҳамон рӯз роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон Абдуҷаббор Сатторзода низ бо бонувони Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон мулоқоти судманд анҷом дода, онҳоро бо Рӯзи Модар табрик намуд.

---

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

(Идома аз саҳ. 1)

Донишомӯзии духтарон муҳимтарин манбаи рушди давлат ва неруи бузурги пешрафти ҷомеа мебошад. Раванди баргузории озмунҳои ҷумҳуриявӣ як нуктаи бисёр муҳимро собит менамояд, ки дар натиҷаи муносибати ҷиддии модарону бонувони мо дар масъалаи китобхонии фарзандон, хусусан аз байни духтарон, истеъдодҳои нодир ба воя расида истодаанд ва мо бояд онҳоро ҳамаҷониба дастгириву ҳавасманд гардонем.

Мо ифтихор дорем, ки духтарони тоҷик дар мусобиқаву озмунҳои байналмилалӣ ғолиб омада, Парчами давлати тоҷиконро баланд мебардоранд.

Модарону бонувон як масъалаи муҳимро бояд дар неруи бузурги созанда, тарбиякунанда ва пешбаранда мебошанд.

Мо ба ҳунару истеъдод, кӯшишу ғайрат, қобилияти ташкилотчигӣ ва маҳорату кордонии модарону бонувони азизамон таҳсин хонда, бо эътимоди комил иброз медорем, ки онҳо дар оянда низ дар татбиқи сиёсати Давлат ва Ҳукумати мамлакат, пешрафти давлат, ободии Ватан ва осудагии ҷомеа нақши шоистаи худро мегузоранд.

Бовар дорам, ки занону бонувони мо барои пешгирӣ кардани паҳншавии хурофот, андешаҳои ифротӣ ва расму оинҳои фарҳангии бегона фаъолона саҳм мегузоранд.

маводи ғизоӣ, рӯ ба рӯ кардааст, модарону бонувони арҷмандро ҳушдор медиҳад, ки ба масъалаи сарфаю сариштакорӣ, худдорӣ кардан аз зоҳирпарастиву намоишкорӣ ва риояи ҳатмии талаботи қонуни танзим эътибори ҷиддӣ зоҳир намоянд.

Бовар дорам, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ модарону бонувони тоҷик барои ҳифзи забон ва таъриху фарҳанги миллӣ, расму оинҳо ва либосу анъанаҳои халқамон, ки таҳти фишори омезиши фарҳангӣ қарор гирифтааст, беш аз пеш саъю талош хоҳанд кард. Дар робита ба ин, бо ифтихору қаноатмандӣ ёдовар мешавам, ки занону модарони мо ба қадри истиқлолу озодӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ бештар

# МОДАРОНУ БОНУВОН НЕРУИ БУЗУРГИ СОЗАНДА, ТАРБИЯКУНАНДА ВА ПЕШБАРАНДА МЕБОШАНД

**Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Модар**

**7 - уми марти соли 2023, шаҳри Душанбе**

хотир дошта бошанд, ки мо дар асри пешрафти бесобиқаи илму техника ва технологияҳо зиндагӣ дорем. Агар мо хоҳем, ки фарзандонамон дар ҳаётиояндаи худ азияту муҳтоҷӣ накашанд, бояд ба онҳо барои омӯхтани илму дониш, махсусан илмҳои риёзиву дақиқ ва аз худ кардани касбу ҳунарҳои замонавӣ, шароит фароҳам созем.

Ман дар суханрониҳои худ борҳо хотирнишон кардаам ва ҳоло мехоҳам бори дигар бо ифтихор иброз дорам, ки модарону бонувон ва духтарони тоҷик дар мушкилтарин рӯзҳои таърихи давлату миллат ва дар сангинтарин лаҳзаҳои ҳаёти мардуми кишвар бо сабру таҳаммул, хираду тамкин ва ватандӯстиву садоқат такягоҳи боэътимоди давлат ва ҷомеа будани худро борҳо исбот намудаанд.

Модарону бонувон дар ҷомеаи мо, дар ҳақиқат,

Дар ин рӯзи саид ба модарону бонувони азизи кишвар муроҷиат карда, мехоҳам хотиррасон намоям, ки амонати вазнини инсонсозӣ, яъне ташаккули инсони солеҳу солим маҳз ба дӯши шумо гузошта шудааст. Бинобар ин, кӯшиш намоед, ки ин рисолати зиндагисозро бо масъулияти баланд дар назди имрӯзуояндаи ҷомеа ва давлат ба иҷро расонед.

Дар шароити ниҳоят мураккабу ҳассоси минтақа ва ҷаҳони муосир муносибати бисёр ҷиддӣ зоҳир кардан ба тарбияи фарзандон, аз роҳи бад, махсусан ҷинояткорӣ ва пайвастан ба гурӯҳу ҳаракатҳои ифротӣ баргардонидани наврасону ҷавонон, пеш аз ҳама, вазифаи модарону занон мебошад.

Ҳамчунин, мушкилоти вобаста ба тағйирёбии иқлим, хушксолӣ ва камобии паёпай, ки инсониятро бо душвориҳои ҷиддии таъминоти маҳсулот, аз ҷумла

мерасанд ва ин неъмати бебаҳои бадастовардаи давлату миллатро мисли гавҳараки чашм ҳифз мекунанд.

Мо вазифадорем, ки модарону бонувонро ҳамчун чароғи хонадон ва нигоҳдорандаи гармии ҳар як хонаву кошона дӯст дорем, ба қадри муҳаббату бедорхобӣ ва заҳмату талошҳои онҳо расем, эҳтиромашонро ба ҷо оварем ва кӯшиш намоем, ки модарону бонувон ва хоҳарону духтарони мо ҳамеша саломат, хушбахт ва саодатманд бошанд.

Бори дигар тамоми занону модарони азиз ва бонувону хоҳарони арҷманди кишварро ба ифтихори ҷашни фархундаи Рӯзи Модар табрику таҳният гуфта, ба ҳар яки онҳо тандурустиву хушбахтӣ, бахту иқболи нек ва рӯзгори ободу осуда орзу менамоям.

**Рӯзи Модар муборак бошад, модарону хоҳарони азиз!**

# ҶАНБАҲОИ СИЁСӢ ВА ҲУҚУҚИИ ИШТИРОКИ ЗАНОН ДАР ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ

**Зан яке аз иштирокчиёни асосии муносибатҳои ҷамъиятии замони муосир ба ҳисоб рафта, пешрафти аксари ҷанбаҳои ҳаёт бе иштироки онҳо ғайриимкон мебошад.**

Бо ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ҳамқадами ҷомеаи ҷаҳонӣ будан ва ҳимояи ҳуқуқҳои инсон, махсусан занон, якчанд иқдом амалӣ шуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон «Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои маданӣ ва сиёсӣ» аз 16-уми декабри соли 1966, «Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ» аз 16-уми декабри соли 1966, «Конвенсияи СММ «Дар бораи барҳам додани ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбат ба занон» аз 18-уми декабри соли 1979-ро ба тасвиб расонид. Дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии мазкур барои занон меъёрҳои мушаххас муқаррар гардидаанд.

Албатта, Конститутсия наметавонад тамоми муносибати ҷамъиятиро пурра ба танзим дарорад ва барои пурра танзим гардидани муносибат дар самти ҳуқуқи занон зарурияти қабули санадҳои меъёрии дигар ба вуҷуд омад.

Бо мақсади тарбияи занон дар соҳаи хизмати давлатӣ ва баланд бардоштани мавқеи онҳо дар ҷомеа 3-юми декабри соли 1999 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа» ба тасвиб расид. Дар фармони мазкур Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалагузорӣ намуданд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ занонро бо назардошти салоҳиятнокӣ ва сифатҳои касбию кордониашон ба ҳайати роҳбарикунандаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳо, корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳои давлатӣ, мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ, ҷамоат, мақомоти прокуратура ва суд, таълимгоҳҳои олӣ ва дигар муассисаҳои соҳаи маориф таъин намоянд.

Дар фармони мазкур Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш доданд, ки то 1-уми марти соли 2000 аз ҳисоби занони ботаҷрибаву лаёқатманд ва соҳибихтисосу салоҳиятнок дар вазифаи яке аз муовинони роҳбари: а) вазоратҳо (ба истиснои сохторҳои қудратӣ), кумитаҳои давлатӣ, кумитаҳо ва саридораю агентиҳои назди Ҳукумати ҷумҳурӣ, идора ва муассисаҳо, ассотсиатсия ва ширкатҳо, консерну корпоратсияҳо, иттиҳодияҳо ва ташкилоту корхонаҳои давлатӣ; б) вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва шаҳраку ҷамоатҳо; в) таълимгоҳҳои олӣ ва миёнаи махсус, дигар муассисаҳои маориф, маданият ва нигаҳдории тандурустӣ таъин шаванд.

Ибтикори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ба таҳсил ҷалб намудани занону духтарон, ҷалби онҳо ба кор дар корхонаву муассисаҳо, ҳамзамон боиси сарчашмаи даромад гардидани онҳо аз ҷониби аҳли ҷомеа хуб дастгирӣ ёфт. Ба туфайли соҳибмаълумот ва соҳибтахассус шудани занон онҳо соҳиби даромади шахсӣ шуда, мақомашон дар ҷомеа рӯз ба рӯз баланд рафт. Ин ҳолат ба раванди аз таъсири хурофот баромадани духтарон, махсусан дар ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон, таъсири мусбат расонид.

Ҷиҳати танзими муносибатҳо дар самти хизмати давлатӣ 13-уми ноябри соли 1998 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» қабул гардид. Қонуни мазкур баъдан, 5-уми марти соли 2007 дар таҳрири нав қабул гардида, дар он меъёр оид ба синни ниҳоии дар хизмати давлатӣ будан барои занон то 58-солагӣ ва барои мардон то 63-солагӣ муқаррар гардид. Ба ғайр аз ин дар моддаи 35 қисми 2 қонуни мазкур қайд карда мешавад, ки дар сурати доштани собиқаи умумии меҳнатӣ (25 сол барои мардҳо, 20 сол барои занҳо) ва на камтар аз 10 сол собиқаи хизмати давлатӣ, ҳуқуқ дода мешавад, ки ду сол пеш аз муҳлати муқарраркардаи қонунгузорӣ ба нафақа бароянд. Яъне, қонуни мазкур ба занҳо зимни фаъолият дар хизмати давлатӣ имтиёз муқаррар намуд.

Дар баробари қабул ва мавриди амал қарор гирифтани стратегияву барномаҳои гуногун барои марҳилаҳои муайян, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007-2016» ва солҳои 2017-2022 қабул ва татбиқ гардида, барои интихобу ҷобаҷогузорӣ кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занон мусоидат намуд.

Дар заминаи қабули санадҳои меъёрии танзимкунандаи масъалаҳои марбут ба занон аз ҷониби Ҳукумати мамлакат механизмҳои гуногуни тарбияи занон ҳамчун хизматчии давлатӣ ва ҳамчун мутахассиси комил таъсис дода шуданд.

Яке аз механизмҳои тарбияи кадрҳои хизмати давлатӣ - Муассисаи давлатии «Маркази таълимии занон «Сарвар»-и назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Муассисаи мазкур бо дастгирии шарикони рушд соли 1998 таъсис ёфта, мақсади асосии он ба духтарони тибқи Квотаи президентӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ дохилгардида ва болаёқати мамлакат тадрис намудани маҳорату малакаи роҳбарӣ, ташаккули ҷаҳонбинӣ, тафаккури илмӣ ва ташкилотчигии онҳо мебошад.

Механизми дигари тарбияи духтарон ҳамчун хизматчиёниояндаи давлатӣ бо дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис додани Маркази таълимии «Чароғи ҳидоят» барои ятимону бепарасторон мебошад, ки имрӯз дар он ҷо зиёда аз 100 духтар иқомат, таҳсил ва барои дар оянда ба хизмати давлатӣ ҷалб намудан омода карда мешаванд.

Ба ғайр аз ин, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишкадаи омӯзиши масъалаҳои қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҷинояткорӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази таълимии судяҳои назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тарбияи занон ҳамчун мутахассис ва хизматчии давлатӣ нақши бориз доранд.

Натиҷаи чорабиниҳои андешидашудаи Ҳукумати мамлакат аст, ки мақом ва нақши зан дар ҷомеа баланд гардида, ҳамчунин ҷалби онҳо ба хизмати давлатӣ сол ба сол зиёд шуда истодааст.

Тибқи маълумоти оморӣ, соли 1991 дар соҳаи маорифи кишвар аз 95 ҳазор корманд ҳамагӣ 52 фоизро занону духтарон ташкил медоданд. Соли 2018 ин нишондиҳанда ба 70 фоиз расид. Дар соҳаи тандурустӣ соли 1998 аз 45 ҳазор корманд 25 ҳазор нафари онҳо занону духтарон буданд. Ин нишондиҳанда дар соли 2018 аз шумораи умумии кормандони соҳа, ки 80 ҳазор нафарро ташкил мекунанд, ба 51 ҳазор нафар расид. То моҳи декабри соли 2022 бонувону занон дар соҳаи маориф 73 фоиз, тандурустӣ - 71, фарҳанг - 47, бонкдорӣ - 39, алоқа - 25, аз ҷумла дар соҳаи хизматрасонии иттилоотӣ қариб 40 фоиз мебошанд.

Масалан, агар соли 1995 дар мақомоти марказӣ 123 нафар занон дар вазифаи роҳбарӣ фаъолият дошта бошанд, соли 1998 ин шумора ба 213 нафар расид.

Тибқи маълумоти Кумитаи занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, то 1-уми январи соли 2023 аз 18 549 хизматчии давлатӣ, 4 503 нафар (24,2%)-ро занон ташкил медиҳад, ки аз ин шумора 1 115 (19,0%) кадрҳои роҳбарикунанда мебошанд. Аз 11 870 хизматчии давлатии мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои он 2 858 (24,0 %)-ро занон ва аз ин шумора 543 (16,6%) кадрҳои роҳбарикунанда мебошанд. Дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз 3 563 хизматчии давлатӣ 1 039 (29,1%)-ро занон ташкил медиҳанд, ки аз ин шумора 316 (21,8 %) кадрҳои роҳбарикунанда мебошанд. Дар мақомоти худидораи шаҳрак ва деҳот аз 3 116 хизматчии давлатӣ 606 (19,4%)-ро занон ташкил дода, аз ин шумора 256 (22,6%)-ро кадрҳои роҳбарикунанда ташкил медиҳанд.

Занон дар фаъолияти Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши бузургро бозида истодаанд. Дар мақомоти олии намояндагӣ ва қонунгузори мамлакат - Маҷлиси Олӣ, даъвати якум (солҳои 1995 - 2000) 5 зан, дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ, даъвати дувум (солҳои 2000-2005) 10 зан, даъвати сеюм (солҳои 2005- 2010) 11 нафар, даъвати чорум (солҳои 2010- 2015) 10 нафар, даъвати панҷум (солҳои 2015 - 2020) 11 кас, даъвати шашум (солҳои 2020-2025) 15 зан вакил интихоб шудаанд.

Иштироки занон на танҳо дар самти хизмати давлатӣ, балки дар соҳаҳое, ки на ҳар мард ба онҳо роҳ меёбанд, баланд шуд. Иштироки занони тоҷик дар паради низомӣ ба муносибати 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти онҳо дар вазорату идораҳои қудратӣ, иштироки фаъоли занон дар намудҳои гуногуни варзиш, аз қабили бокс, футбол, камонварӣ, тирпаронӣ собит сохт, ки занон низ дар баробари, мардон дар пешрафти мамлакат ва ҳифзи музаффариятҳои истиқлолияти давлатӣ саҳми асосӣ доранд.

**ИДИЗОДА Файзалӣ Фузайлшо, раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ**

Дар кумитаҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# БАРРАСИИ ҚОНУНҲО ВА ПЕШНИҲОДИ ХУЛОСАҲО



**Шашуми марти соли равон таҳти раёсати раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамоҳангсозии фаъолияти Маҷлиси миллӣ бо Маҷлиси намояндагон, ҳокимияти иҷроия, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва робитаҳои байнипарламентӣ Фарҳод Раҳимӣ ҷаласа баргузор шуд.**

Аъзои кумита ду масъала - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» ва «Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси ба категорияи деҳа мансуб донистани маҳали аҳолинишини деҳоти ба номи Ҷомии ноҳияи Зафаробод ва номгузорӣ намудани он» - ро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар охир хулосаҳои кумита дар алоҳидагӣ қабул ва барои баррасӣ ба Иҷлосияи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардиданд.



**Шашуми марти соли равон таҳти раёсати раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия Шарифҷон Ҷумъазода ҷаласа баргузор шуд.**

Аъзои кумита Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»-ро мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Дар охир хулосаҳои кумита дар алоҳидагӣ қабул ва барои баррасӣ ба Иҷлосияи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардиданд.



**Ҳафтуми марти соли равон дар Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳифзи сиҳатӣ, илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонону занон таҳти раёсати раиси кумита Маҳмадшо Гулзода ҷаласа доир гашт.**

Дар ҷаласаи мазкур ду масъала - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку» баррасӣ шуд.

Дар охир хулосаҳои кумита дар алоҳидагӣ қабул ва барои баррасӣ ба Иҷлосияи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардиданд.

Дар ҷаласа мушовири калони бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Шарифзод Ҷамшед Ғанизода низ иштирок доштанд.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ, Фарзонаи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»**

# СОҲИБКОРБОНУИ ВАТАНДӮСТ

**Сабоҳат Раҳимзода аз арбобони маъруфи давлатӣ ва ҷамъиятии ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, дар рушду нумӯи Ватани азизамон саҳми босазо гузоштааст. Тӯли беш аз 60 сол дар вазифаҳои гуногуни давлативу ҷамъиятӣ бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ ва ватанпарварӣ фаъолият намуда, имрӯз низ сарварии ду созмони ҷамъиятиро ба ухда дорад.**



Фаъолияти меҳнатии ӯ овони мактабхонияш - соли 1961 ба ҳайси китобдори китобхонаи ноҳияи Файзобод оғоз гардида, дар вазифаҳои гуногуни ҳизбиву давлатӣ идома ёфтааст. Муддате дар мактаби миёнаи №1-и ноҳияи Қумсангир ба ҳайси омӯзгор дертар мудири шуъбаи кор бо занон, оила ва ҳифзи модару кӯдаки Девони вазирони РСС Тоҷикистон ва муовини вазири маорифи халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон буд. Аз соли 1992 то соли 1999 роҳбарии гурӯҳи ҷамъиятии «Кадбону» ва солҳои 1993 - 1995 роҳбарии ширкати соҳаи «Сабоҳат»-ро ба ухда дошт. Аз соли 1999 то имрӯз ба ҳайси раиси созмони ҷамъиятии Ассотсиатсияи миллии занони соҳибкори «Кадбону» ва аз соли 2008 ҳамчун сарвари Иттифоқи занони россиягии ҳамватанони Тоҷикистон фаъолият дорад.

Қаҳрамони матлаб эксперти масъалаҳои гендерӣ ва яке аз аввалин гирандагони Гранти президентӣ оид ба соҳибкорӣ дар байни бонувон ба ҳисоб меравад. Дар таҳия, баррасӣ ва иҷрои чандин барномаҳои давлатӣ оид ба масъалаҳои соҳибкорӣ ва гендерӣ иштирок карда, ҳамчун омӯзгор ва мураббӣ асосҳои соҳибкориро ба бонувон ройгон меомӯзонад.

Дар давраи фаъолият ба ҳайси муовини вазири маориф (солҳои 1991-1993) ба масъалаи тарбия ва донишомӯзии духтарони деҳот таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамуд. Шукр мегӯяд, ки бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои соҳибмаълумот гардидани духтарони деҳот квотаҳои президентӣ ҷудо гардида, ҳазорон нафар духтарон ба ин восита дар донишгоҳу донишкадаҳои мамлакат таҳсил мекунанду соҳибкасб мегарданд.

Бо ташаббус ва роҳбарии ӯ беш аз 20 лоиҳа ва барномаҳои гуногун амалӣ гардидаанд. Ҳоло дар ҳамкорӣ бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии ҷумҳурӣ, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе лоиҳаи иҷтимоии «Дастгирии занони Тоҷикистон дар худмашғулӣ бо ёрии технологияи рақамӣ»- ро дар шаҳри Душанбе амалӣ менамояд. Дар доираи лоиҳа ҷиҳати дастгирии хонаводаҳое, ки занон сарварӣ мекунанд, технологияҳои рақамӣ барои таъсис додани тиҷорати хурди ошпазӣ ва қаннодӣ пешниҳод гардида, омӯзиши ин технология бо тарзи оффлайн ва онлайн, ройгон ба роҳ монда шудааст.

Аз он ифтихор дорад, ки дар чандин мулоқоти Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо занон ва соҳибкорон ширкат варзида, барои рушди соҳа пешниҳоди мушаххас намудааст, ки аксари онҳо дастгирӣ ёфтаанд.

Аз ҷумла, соли 2013 дар Форуми ҷумҳуриявии занони соҳибкор таҳти унвони «Бонувони соҳибкори Тоҷикистон: таҷриба, мушкилиҳо, дурнамо» Барномаи давлатии дастгирии соҳибкории бонувонро пешниҳод намуд. Он аз ҷониби Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастгирӣ ёфт.

Дар давраи мавҷудияти худ Ассотсиатсияи миллии занони соҳибкори «Кадбону» барои беҳтар шудани сатҳи зиндагии беш аз 36 ҳазор зан ва оилаҳои онҳо мусоидат карда, ба зиёда аз 3 ҳазор зану духтарон касбу ҳунар омӯзондааст. Илова бар ин, барои якуним ҳазор нафар ҷойҳои нави корӣ фароҳам овардааст.

Ӯ муаллифи беш аз 50 корҳои илмӣ, асарҳои таълимиву методӣ, брошураҳо, буклетҳо ва мақолаву видеофилмҳост. Борҳо вакили шӯроҳо ва маҷлисҳои вакилони ноҳиявӣ ва шаҳрӣ интихоб гардидааст.

Сабоҳат Раҳимзода аз тарғибгарони фаъоли сиёсати пешгирифтаи Ҳукумат бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Имрӯз чор фарзандаш низ дар паҳлуи модари ватандӯст ба нафъи халқу Ватан софдилона заҳмат мекашанд.

**Н. НИЗОМӢ, «Садои мардум»**

# ЗИНДАГИИ МОДАРИ 110-СОЛА ДАР ЧАНД САТР



**Дар арафаи Рӯзи Модар хабар ёфтем, ки дар деҳаи Рӯҳафзои деҳоти ба номи Саидмуъмин Раҳимови ноҳияи Темурмалик модари 110 - сола бо номи Фотима Салимова ба сар мебарад. Чун барои қаҳрамони мо ба саволҳо посух додан мушкил буд, бо наберааш Абдукарим Гулаев доир ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёту кораш суҳбат кардем.**

- Моҳи январи имсол 110-солагии бибиамро дар ҳалқаи аҳли оила қайд кардем. Бо вуҷуди заиф шудани хотира бо фарзандону наберагон, аберагону чаберагон суҳбат мекунанд. Асосан хӯрокҳои ширӣ мехӯранд ва каму беш бо ёрии мо ба ҳавои тоза мебароянд,- гуфт ҳамсуҳбати мо.

Қаҳрамони матлаб дар колхози «Правда» ба ғаллакорию чорводорӣ ва соҳаҳои дигари хоҷагӣ машғул буд. Мавсуф собиқаи зиёда аз 40 - солаи кор дорад.

Дар 17 - солагӣ ба шавҳар баромадааст. Баъд аз як муддати зиндагӣ Ҷанги Бузурги Ватанӣ оғоз шуд ва ҳамсараш соли 1941 ба фронт сафарбар гардида, дар набардҳои зидди фашизм қаҳрамонона ҳалок шуд. Дар он вақт қаҳрамони мо монанди ҳазорҳо зани тоҷик дар ақибгоҳ барои таъмини Қувваҳои Мусаллаҳ бо озуқа хизмат кардааст. Барои меҳнати садоқатмандона дар ақибгоҳ соли 2020 аз номи Президенти Федератсияи Россия бо медали «75 - солагии Ҷанги Бузурги Ватанӣ 1941-1945» қадрдонӣ гардид.

Соли 1948 маротибаи дуюм ба шавҳар баромад. Имрӯз ӯ соҳиби 3 фарзанд, 20 набера, 75 абера ва 13 чабера мебошад. Писари якумаш Гулаев Қарабой 73 - сола буда, Гулаев Назир ва Гулаев Бозорбой дар синни 60 ва 66 қарор доранд.

Сармуҳаррири рӯзномаи «Истиқлол»-и Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Темурмалик Шералӣ Давлатов дар суҳбат бо мо гуфт, ки пирони ноҳия, аз ҷумла Фотима Салимова, ҳамеша зери таваҷҷуҳи раиси ноҳия ҳастанд. Чанде пеш бахшида ба мавлуди қаҳрамони мо туҳфаи раиси ноҳия ба ӯ дастрас шуд ва ҳамасола дар арафаи Рӯзи Модар раиси ноҳия Шералӣ Ҳасанзода аз ҳоли Фотима Салимова хабар мегирад.

**Ҳафизуллоҳ ТОҲИРӢ, «Садои мардум»**

# ЗАНЕ АЗ ДИЁРИ НУР

**Шодравон Васила Ғафуроваро дар ноҳияи Ванҷ хурду бузург мешинохтанд. Зане буд хоксору хушгуфтор. Лаҳни ширинаш ба дилҳо фараҳ мебахшид.**

Нақл мекард, ки пас аз хатми донишгоҳ дар деҳа омӯзгор шуд. Бар замми ин, дар корҳои ҷамъиятӣ иштирок менамуд. Иқдом гирифта, бо аҳли рустои Ғуҷоваст муассисаи таълимиро таъмир намуданд. Он замон хонандагони деҳаҳои Ҷовидон то Пои Мазор дар ин муассиса таҳсил мекарданд. Омӯзгорон чорабиниҳои гуногун ташкил мекарданд, то хонандагон ба корҳои беҳуда машғул нашаванд. Пас аз як сол бо дастгирии ноҳияи Ванҷро роҳбарӣ намуд.

Вақти дар ҳаёт буданаш мо - як гурӯҳ журналистон ба аёдаташ рафта будем. Васила-апа тарзи истеҳсол кардани равғани ангат ва чормағзро нишон дода, шукронаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро намуд, ки миллатро аз бадбахтӣ раҳо кард. Бонуи хушгуфтор аз таҳти дил, самимона, ширину гуворо сухан мегуфт ва дар ҳаққи Президенти кишвар дуои хайр кард. Пас аз як рӯз ин навор ба воситаи телевизион пахш гардид. Суханҳои самимии ӯро тамоми халқи ҷумҳурӣ шунид ва кору номи Васила-апа боз ҳам бештар машҳур шуд.



Солҳои 2008-2010, ҳангоми вохӯрии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сокинони ноҳияи Ванҷ ин модари некном бо Сарвари давлат суҳбат намуд. Ин бонуи заҳматкаш барои таъсиси корхонаи хурд 40 ҳазор сомонӣ гранти президентӣ гирифт.

- Надидаам, ки ягон Роҳбари мамлакат ба деҳае сафар карда, аз ҳоли рустонишинон воқиф шуда бошад. Танҳо Сарвари давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ванҷи Боло омаданд ва бо мардум мулоқот карданд. Роҳбари асил чунин аст, - дар ҷамъомадҳо изҳор мекард Васила-апа.

Моҳи июли соли 2015, пас аз ифтитоҳи пули Сурхсангов, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба деҳаи Ғуҷоваст ташриф оварда, корхонаи коркарди ангатро ифтитоҳ бахшиданд.

Пас ба Васила-апа рӯ оварда, бо табассум пурсиданд:

- Боз ба куҷо, апа?

- Як сари қадам ба хонаи ман ташриф оред. Орзуи ман ҳамин аст.

- Меравем,- гуфтанд Президент.

Даҳ қадам поёнтар рӯи кати калони таги дарахтони боғистони хушҳаво хони миллӣ ороста шуда буд. Президенти кишвар ҳамаро сари хон даъват намуданд.

Аз он вақт солҳои зиёде сипарӣ шуданд, вале хотироти он мулоқоту дидорбинӣ дар ёди мардуми водии Ванҷи Болост. Ифтихорманданд, ки тавассути як зани рустонишин мардуми Ванҷи Боло ба дидори Президенти маҳбуби худ мушарраф шуданд.

роҳбари вақти ноҳия Муҳаммадулло Абдуллоев раиси Ҷамоати деҳоти «Рованд» таъин шуд.

Водии Ванҷи Боло макони меваҳои шаҳдбор аст. Чормағзи ин музофот дар сифату таъм беҳамтост. Мутаассифона, солҳои пеш агарчи зиёд ҷамъоварӣ мешуд, аммо ба мардум манфиате намерасид.

Васила-апа барои ба хориҷи кишвар содирот намудани чормағз ба Кумитаи партиявии ноҳия мактуб ирсол кард. Роҳбарони вилоят ва кишвар ин пешниҳодро дастгирӣ намуданд ва чормағзи овозадори Ванҷ ба Япония содирот гардид. Ҳамон солҳо аҳли деҳот ба ин кишвар 50 тонна чормағз содирот мекарданд. Дар иваз барои мардум молҳои ниёзи аввал ворид мегардид. Деҳқонон низ дастмузди хуб мегирифтанд.

Солҳои минбаъда Корхонаи коркарди кварс дар назди пиряхи Федченко ба фаъолият оғоз кард. Ташаббусҳои шоиста ва неки сарвари Ҷамоат обрӯяшро баландтар карду маҳбубияташ байни омма афзуд.

Гарчанде кумитаи партиявии ноҳия ӯро ба вазифаҳои дигар пешниҳод карда бошад ҳам, қаҳрамони матлаб рад кард. Беш аз 16 сол ҷамоати калонтарини

**Пайшамбӣ ШОҲЗОДА, «Садои мардум»**

# ОНҲО ИФТИХОРИ МО МЕБОШАНД

**Тасмим гирифтем дар арафаи Рӯзи Модар ба хонандаи азиз дар бораи бонувоне, ки соли гузашта Тоҷикистонро дар сатҳи байналмилалӣ сазовор муаррифӣ намуданд, иттилоъ манзур намоем.**

## Аз гимнастикаи бадеӣ то тенниси рӯи миз



**Баъд аз истиқлолияти давлатӣ таваҷҷуҳи бонувон ба варзиш бештар шуда, ҳоло бонувони моро дар намудҳои зиёди бозиҳои варзиш дидан мумкин аст.**

Онҳо дар чемпионатҳо ва мусобиқаҳои бонуфузи байналимилалӣ низ фаъоланд. Соли гузашта Ориёно Сафарова дар Мусобиқаи байналмилалӣ оид ба гимнастикаи бадеӣ «East Cup Stars Olympic» («Ҷоми Шарқ – ситораҳои олимпӣ») миёни наврасон, ки дар шаҳри Фарғонаи Ӯзбекистон доир шуд, сазовори ҷойи аввал ва медали тилло гардид.

Дар мусобиқаи мазкур Марям Шукурова, Ясмина Ҳамидова, София Турсунзода, Азиза Нурализода, Елизавета Стрелникова ҷойи дуюм, Вазира Абдусатторова, Шукрона Саидова, Осия Ворисӣ ва Роҳила Тоҷиддинова ҷойи сеюмро сазовор шуданд. Бо шарофати дастоварди варзишгарбонувон Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардоштаву Суруди Миллӣ танинандоз шуд.

Ҳамчунин, Моҳру Ҳалимова дар Чемпионати Осиё оид ба таэквондо (Чунчеон, Корея) соҳиби ҷойи сеюм гардида, Нигорахон Қурбонова, Садафмоҳ Маҳмадҷалолзода, Маликахон Алиматова, Шукронахон Акбарова ва Фаризахон Бахтиёрзода дар шашумин Мусобиқаи байналмилалӣ оид ба гимнастикаи бадеӣ байни наврасон, ки дар шаҳри Актауи Қазоқистон баргузор шуд, медали биринҷӣ ба даст оварданд.

Екатерина Ишенко барандаи медали нуқраи панҷумин Бозиҳои ҳамбастагии исломӣ (Куния, Туркия) дар мусобиқаи тенниси рӯйи миз миёни варзишгарони имконияташон маҳдуд шуд.

## Ғолиби мутлақи Форуми занҳои ихтироъкор



**Дар самти илм дастоварди бонувон сутуданӣ мебошад, зеро тавонистанд тавассути ихтирооташон илми тоҷикро дар сатҳи байналмилалӣ сазовор муаррифӣ созанд. Хоса дар Ҳамоиши 15-уми байналмилалии ихтирои бонувон «KIWIE-2022» ва Форуми байналмилалии занҳои ихтироъкор, ки дар шаҳри Сеули Ҷумҳурии Кореяи Ҷанубӣ доир шуд.**

Форуми мазкур бо ҳузури намояндагони 30 кишвари аъзои Созмони ҷаҳонии моликияти зеҳнӣ ва 500 бонуи ихтироъкор баргузор гашт. Тоҷикистонро шаш бонуе, ки ҳаёташонро дар масири илм бахшидаву бозёфтҳо намудаанд, муаррифгар шуданд. Се нафарашон - Фирӯза Ҳалимова, Мадина Кариева ва Муқаддас Қурбонова барои ихтирооташон бо медали тилло қадр гардиданд. Зулфия Арабова ва Парвина Олимбойзодаро медали биринҷӣ насиб шуд.

Фараҳбахш он аст, ки аз миёни 500 нафар шоҳҷоизаи форумро бонуи ихтироъкори тоҷик Саврибегим Ёрмамадова барои силсилаи таҳқиқот ва бозёфти илмиаш дар самти «Истифодаи пайвастаҳои комплексии рӯҳ ҳамчун маводи дорувори зидди бемориҳои ғадуди сипаршакл» сазовар гардид.

## Шоҳҷоиза аз Олимпиадаи байналмилалӣ




**Бонувони навраси мо дар олимпиадаҳои байналмилалӣ, ки дар Амрико, Венгрия, Италия, Словения, Ҳиндустон, Қазоқистон ва Ӯзбекистон баргузор шуд, бо дастовез баргаштанд.**

Аз ҷумла, дар Озмуни байналмилалии забони англисӣ ва арабӣ, ки дар шаҳри Қоҳираи Ҷумҳурии Арабии Миср доир шуд, Тоҷикистонро хатмкардаи факултети забони англисӣ (ихтисоси тарҷумони забони англисӣ)-и Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Аслигул Тиллохонова муаррифӣ намуд. Ӯ аз Миср бо ҷоиза ва диплом баргашт.

Ҷом ва Шоҳҷоизаи Олимпиадаи байналмилалии «TeenEagle» - беҳтарин донандаи забони англисӣ, ки Донишгоҳи Брунели шаҳри Лондон миёни 300 муассисаи таълимии 27 кишвари олам доир намуд, хонандаи синфи даҳуми «Литсей барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Хуҷанд Фирӯза Абдуллоева ба даст овард.

Дар олимпиадаи мазкур таълимгирандаи «Литсейи давлатии №1»-и ноҳияи Восеъ Омина Худойқулова сазовори ҷойи аввал шуд.

**Фарзонаи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»**



Зулфия АТОӢ,
Шоири халқии Тоҷикистон

## ГАҲ ОСМОН, ГАҲ ОСТОН

**Ҷони туям, ҷони туям, зулфи парешони туям,**
**Наънову райҳони туям, оҳуи ҳайрони туям.**

**Гаҳ Шаҳрзоди қиссагӯ, гаҳ хонарӯбу дегшӯ,**
**Гаҳ хоки раҳ, гаҳ гарди каҳ,**
**гаҳ ганҷи пинҳони туям.**

**Гар пурҷафо, пургуфтугӯ, абри сиёҳе – чини рӯ,**
**Гар розҷӯю розгӯ – дунёи армони туям.**

**Гоҳе хирадпеша манам, фарди баандеша манам,**
**Гоҳе вале девонатабъ, ошуфтасомони туям.**

**Гоҳе шаҳи афсонаам, гоҳе канизи хонаам,**
**Гоҳе баҳори гулфишон, гоҳе зимистони туям.**

**Гаҳ суфтаю нарму ҳалим,**
**гоҳе дурушти бераҳим,**
**Гаҳ бебаҳо мушки хутан, гаҳ атри арзони туям.**

**Бо ин ҳама саҳву хато, гаҳ бо садо, гаҳ бесадо,**
**Як шоири гапнодаро, ёри ғазалхони туям.**



Адибаи ХУҶАНДӢ

## КАЪБАИ ЧАШМ

**Омадам то бомдоди чашмҳои ту,**
**Аз шабони беситора, модар, эй модар.**
**Савсанистони рухи ту каъбаи чашмам,**
**Мушкили дилро ту чора, модар, эй модар.**

**Корвони кавкаби ашк аст афкорат,**
**Сад чаман садбарг бишкуфта дуои ту.**
**Хотират сӣ барги сабзи пораи Қуръон,**
**Чун фаришта сӯи имон раҳнамоӣ ту.**

**Росиди наҷми саодат, росими некӣ,**
**Буданат чун будани маънои хуршед аст.**
**Дар сифат қақнусворӣ, эй гули ҷовид,**
**Бехазоно, бехазонии ту уммед аст.**

**Боғбони боғҳои бомдодонӣ,**
**Эй ҳама гул, як намо аз боғи эҷодат.**
**Эй паридарёи дарёҳои нур, эй ҳур,**
**Эй муқаддас, бош бо ҳусни худододат.**

# КАНОРУ БАРИ МОДАРИ ДИЛПАЗИР...

**Ҳаштуми март Рӯзи Модар таҷлил мешавад. Рӯзи шодӣ, андеша, иҷобати дуо, қадршиносӣ ва рӯзи худшиносист…**

Модар арзандаи ҳар гуна ситоиш ва қадрдонист, зеро моро нуҳ моҳу нуҳ руз дар батни худ нигоҳ медорад ва бо хости Худованд ба дунё меорад.

**Якшаба он ранҷе, ки модар кашид,**
**Бо ду ҷаҳонаш натавон баркашид.**

«Модар розӣ, Худо розӣ» - мегӯянд:

**Гар ҳамехоҳӣ ризои Кирдигор,**
**Рав, ризои волидайнро гӯш дор.**
**Чун дили эшон зи ту хушнуд шуд,**
**Гардӣ андар охират худ растагор.**

Пас, эй ҷавони зебою таҳамтан, фаромӯш накун, вақте ба дунё омадӣ, гурусна мешудӣ, майл сӯйи пистони модар мекардӣ, дар оғӯши гарму нарми модар меорамидӣ. Маҳз Модар туро сер кард, пӯшонд, алла гуфту парвариш кард. Имрӯз бузург шудӣ, вале қомати модар хамида. Акнун вай муҳтоҷи дасту бозуи пурқувват ва ғамхориву меҳрубониҳои туст. Пас, бишитоб, дуои модарро бигир, дасти модарро бибӯс.

**Сар зи модар макаш, ки тоҷи шараф,**
**Гарде аз роҳи модарон бошад.**

Агар модар дар ҳаёт набошад, бо дуо рӯҳашро шод гардон.

Хушо ба ҳоли онҳое, ки модарашон барҳаёт аст. Ба қавли Саъдии Шерозӣ:

**Канору бари модари дилпазир,**
**Биҳишт асту пистон дар ӯ ҷӯйи шир.**
**Дарахтест болои ҷонпарвараш,**
**Валад меваи нозанин дар бараш.**
**На рагҳои пистон даруни дил аст,**
**Пас ар бингарӣ, шир – хуни дил аст.**

**Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»**

# МОДАРАК



*Ҷаннат, ки ризои мо дар он аст,*
*Дар зери қудуми модарон аст.*

**Модарак кони афсона буд, ҳарфашро бе масалу мақол намезад. Модарак фаришта буд, бол дошт, парвоз мекард, ҳавои муаттари покро дӯст медошт. Модарак чодари номус бар сар, аз раҳи сарнавишт хор мечид, вале ба хориву пастӣ тан намедод…**

**Зиндагии модарак ғарқи дарёи ишқу маърифат буд. Насиҳат мекард, панд медод, аз ногуфтаҳо мегуфт. Сафоли модарак бӯи райҳон дошт.**

### МОДАРАК ВА БОҒЧА

Модарак боғчаи гул дошт, рангоранг, хушрӯву хушбӯ. Ҳар субҳ ба саломи гулҳо мерафт. Баргҳояшонро мешуст, аз рухсораашон мебӯсид, аз ҳолашон мепурсид. Гулҳо ғарқи ноз мешуданд, барои модарак мерақсиданд.

Парвонаҳо давраш мечархиданд, бо болҳои маҳину рангин пайғоми ишқро замзама мекарданд. Парандагон симфонияи зиндагиро барои ӯ менавохтанду месуруданд.

Модарак ҳам гул буд, парвона буд, паранда буд. Аммо хушбӯтар аз гулҳо, зеботар аз парвонаҳо, хушхонтар аз парандаҳо.

### МОДАРАК ВА ЧАШМА

Ҳар пагоҳӣ модарак ба саломи чашма мерафт. Рӯи худро дар оинаи об медид. Чашма худро дар чашми модарак мешинохт ва қатра-қатра аз рӯяш метаровид.

- Ману чашмони ту дугонаем, - мегуфт чашма, - вале чаро оби онҳо шӯр аст?!

Модарак оби чашмаро рӯи каф мебардошт, мебӯсиду менӯшид ва мегуфт:

- Фаромӯш макун, ки ҳар шириние талхиву шӯрӣ ва ҳар талху шӯр ширинӣе дорад.

Сипас, оби чашмаро ба кӯза меандохту ба хона меовард.

### МОДАРАК ВА ФАРИШТАҲО

Модарак хонаро ҷорӯб мезад, кӯрпача меандохту атр мепошид ва дару равзанаро боз мегузошт. Мо, ки рӯи кати ҳавлӣ даври дастархон мешиштем, аз ин кори ӯ ҳайрон мешудему мепурсидем:

- Хона холӣ, барои кӣ кӯрпача меандозӣ?!

- Барои фариштаҳо! - посух медод ӯ.

- Кадом фариштаҳо?

- Эҳ, бачаҳои сода, - алам мекашид модарак аз бехабарии мо, - ҳар шом ба рӯи замин фариштаҳо мисли ситора мерезанд, аммо фақат ба ҷои поку тамиз фуруд меоянд. Ба хонаи норӯфта фаришта намедарояд. Аз манзиле, ки фаришта ибо кард, баракат мепарад. Дили сокинонаш сахт мешавад, ба дару деворашон сиёҳӣ мерезад.

Модарак фариштаҳоро медиду мешинохт ва рози омаданашонро медонист.

### МОДАРАК ВА АСП

- Зан асп асту шӯ човандоз, - насиҳат мекард модарак духтаронашро, - аспи човандози беҳунар мелангад. Аммо аспи рисолатдор човандози заифро ҳам ба мурод мерасонад.

- Асп дев аст, - шарҳ медод модарак. Метавонад савори худро ба замин занад, ғуруру таманнояшро бишканад. Девро бо тозиёна идора карда намешавад.

Падаратон чор асп дошт, даври яккамех мечархиданду ҷилва мекарданд. Вақте соҳиби худро медиданд, аз шодӣ по мекӯфтанду мерақсиданд.

Аспи беҳтарин бол дорад, вақте савор шудӣ, парвоз мекунад. Аз чор аспи падаратон яке зарринёли болдор буд, - модарак инро мегуфту даст ба пичаҳояш мебурд, хиёлаш парешон мегашт, баъд оҳиста меафзуд: - Мӯйсафед ишқи зарринёлро ба гӯр бурду болу пари асп шикаст.

### МОДАРАК ВА ОИНА

Зану оина дугонаҳои қадимӣ ҳастанд. Модарак ҳам ҳаққи оинаро пос медошт. Духтарону келинҳояшро насиҳат мекард:

- Оина каҷро каҷ, ростро рост менамояд. Худро барои шавҳаронатон оро диҳед, сурма кашед, ҳино бандед, атр занед! Нагузоред, ки дилмонда шаванд. Аммо ба оина бисёр нигоҳ накунед, ҳуснатонро медуздад, рӯятон бенур мешавад.

Модарак ҳам оинаи мо буд. Айбу ҳуснамонро медид. Рӯ турш намекард, сахт намегуфт, нарму ширин гап мезад.

- Шабҳо пеши оина наравед, худро тамошо накунед, - мегуфт ӯ. Оина дунёе дигар аст, шабҳо зиёнбор мешавад. Рӯяшро пӯшеду орому осуда хобед.

Модарак валӣ буд, ғайбро медонист.

**ВОРИС, «Садои мардум»**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 413915 | Муассисаи давлатии «Маркази баҳисобгирӣ ва идораи фонди манзил» -и шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои Муассисаи давлатии «Маркази баҳисобгирӣ ва идораи фонди манзил» -и шаҳри Душанбе | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 13.03.2023 16:10:00 |
| 2 | 413937 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат | Корҳои лоиҳакашӣ оид ба таҳияи нақшаҳои топографии миқёси 1:2000 шаҳри Ваҳдат | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 16.03.2023 09:50:08 |
| 3 | 413926 | Муассисаи таълимии давлатии «Литсейи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе» | Таъмири ҷории МДТ «Литсейи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.03.2023 10:00:00 |
| 4 | 413938 | Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ ва компакт-дискҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 17 | 27.03.2023 10:30:00 |
| 5 | 413939 | Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо | Хӯроквори, молҳои хоҷагӣ, барқӣ ва ниқоби тиббии яккарата | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 42 | 27.03.2023 10:40:00 |
| 6 | 413940 | Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Пойафзол | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 27.03.2023 10:50:00 |
| 7 | 413896 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маводи мулоим | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 27.03.2023 11:24:21 |
| 8 | 413921 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маводи мулоим | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 37 | 27.03.2023 11:25:28 |
| 9 | 413941 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | Таъмири асосии ҳаммом ва ҳоҷатхонаҳои хобгоҳи №7, ошёнаҳои якум ва дуюм | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.03.2023 11:30:00 |
| 10 | 413942 | Муассисаи давлатии «Хона-интернати пиронсолон ва маъюбони шаҳраки Ёвон» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 59 | 27.03.2023 11:30:20 |
| 11 | 413943 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №5-и ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 38 | 27.03.2023 11:40:15 |
| 12 | 413944 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №16-и ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 42 | 27.03.2023 11:45:15 |
| 13 | 413945 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №11-и ноҳияи Ёвон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 50 | 27.03.2023 11:55:30 |
| 14 | 413946 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникии ноҳияи Ҷайҳун» | Таъмири ҷории бинои таълимии Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникии ноҳияи Ҷайҳун» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.03.2023 13:10:30 |
| 15 | 413947 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Кӯшониёни вилояти Хатлон | Бензини навъи АИ-92 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 27.03.2023 13:25:55 |
| 16 | 413948 | Филиали Муассисаи давлатии илмии «Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон» дар вилояти Хатлон | Сӯзишворӣ ва равғани муҳаррики дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 27.03.2023 13:35:40 |
| 17 | 413949 | Муассисаи таҳсилоти томактабии Ширхоргоҳ - кӯдакистони №21 ба номи «Шукуфаҳои Истиқлол»-и Ҷамоати деҳоти Хистеварзи ноҳияи Б. Ғафуров | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 22 | 27.03.2023 13:41:41 |
| 18 | 413950 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Истаравшан» | Таъмири бинои Муассисаи давлатии таълимии Коллеҷи тиббии шаҳри Истаравшан | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.03.2023 14:00:00 |
| 19 | 413951 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и шаҳри Кӯлоб | Бомпӯш аз шифер дар бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и шаҳри Кӯлоб | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.03.2023 14:26:28 |
| 20 | 413953 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи оташнишонӣ -техникии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 21 | 27.03.2023 14:34:56 |
| 21 | 413910 | Раёсати Хадамоти давлатии оташнишонии шаҳри Душанбе | Сӯзишвории дизелӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 27.03.2023 15:15:00 |
| 22 | 413911 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи тандурустии Истиқлол» | Плёнкаи рентгенӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 27.03.2023 15:17:00 |
| 23 | 413912 | Муассисаи давлатии таълими томактабии Ширхоргоҳ - кӯдакистони №119 | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 35 | 27.03.2023 16:02:57 |
| 24 | 413913 | Муассисаи давлатии таълими томактаби ширхоргоҳ - кӯдакистони №126-и ноҳияи Фирдавсӣ | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 28 | 27.03.2023 16:14:05 |
| 25 | 413917 | Шуъбаи фарҳанги шаҳри Бохтар | Куртаҳои занонаи миллӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 27.03.2023 16:15:05 |
| 26 | 413916 | Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмон, азнавсозӣ ва таъмири роҳу кӯпрукҳои шаҳри Душанбе» | Таҳияи лоиҳаи «Сохтмони обпарто дар кӯчаи Ҳ. Назаров» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 27.03.2023 16:20:00 |
| 27 | 413918 | Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмон, азнавсозӣ ва таъмири роҳу кӯпрукҳои шаҳри Душанбе» | Таҳияи лоиҳаи «Сохтмони роҳи автомобилгард аз хиёбони Н. Махсум то кӯчаи Ф. Муҳаммадиев» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 27.03.2023 16:30:00 |
| 28 | 413930 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд» | Рег (қум) ва шағал | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 27.03.2023 16:40:40 |
| 29 | 413931 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи физиотерапевтии ҷумҳуриявии ба номи Нурматов»-и шаҳри Хуҷанд | Маводи доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 21 | 27.03.2023 16:40:40 |
| 30 | 413932 | Мақомоти муассисаҳои сохташавандаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Б. Ғафуров | Сохтмони бинои шуъбачаи шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар Ҷамоати деҳоти Овчӣ - қалъачаи ноҳияи Б.Ғафуров (идомаи корҳои сохтмонӣ) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.03.2023 16:40:40 |
| 31 | 413933 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони токи воишӣ дар назди МД «Боғи миллии Ваҳдат» дар ноҳияи Б.Ғафуров (марҳилаи 2) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.03.2023 16:40:40 |
| 32 | 413934 | Филиали Институти зироаткорӣ дар вилояти Суғд | Таъмир ва барқарор намудани се адад чоҳи амудии Филиали Институти зироаткорӣ дар вилояти Суғд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.03.2023 16:40:40 |
| 33 | 413935 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони бинои таълимӣ барои 480 хонанда дар назди МТМУ №37-уми шаҳри Истаравшан (идомаи корҳо дар самти васлнамоии камераи назоратӣ, системаи огоҳонии оташнишонӣ ва чароғонкунии беруна) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.03.2023 16:40:40 |
| 34 | 413919 | Раёсати маорифи вилояти Хатлон | Лавозимоти мактабӣ, таҷҳизот, мебел ва асбобҳои мусиқӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 228 | 27.03.2023 16:40:45 |
| 35 | 413920 | Боғчаи бачагонаи №2-и ноҳияи Хуросон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 30 | 27.03.2023 17:00:25 |
| 36 | 413922 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №14-и ноҳияи Ёвони вилояти Хатлон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 50 | 27.03.2023 17:15:10 |
| 37 | 413923 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Инвентари нарм | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 27.03.2023 17:25:00 |
| 38 | 413925 | Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе | Сохтмони айвончаҳо дар Ширхоргоҳ - кӯдакистони №71-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе (8 адад бо андозаи 6х4,5 м) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.03.2023 17:40:00 |
| 39 | 413927 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Сохтмони биноҳои иловагӣ дар МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (тартиб додани сутунҳои оҳану бетонӣ. Ҳаҷм: 102.6 $м^3$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.03.2023 18:00:00 |
| 40 | 413928 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Сохтмони биноҳои иловагӣ дар МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (деворҳои оҳану бетонии монолитӣ. ҳаҷм: 71,14 $м^3$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.03.2023 18:10:00 |
| 41 | 413929 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Сохтмони биноҳои иловагӣ дар МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (деворҳои оҳану бетонии монолитӣ. Ҳаҷм: 169,66 $м^3$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.03.2023 18:15:00 |
| 42 | 413924 | Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои канселярӣ ва картриҷҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 24 | 28.03.2023 08:30:00 |
| 43 | 413936 | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Хоруғ | Бензини АИ-92 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 28.03.2023 17:00:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

## КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### 7-уми апрели соли 2023 музоядаи №1-ро оид ба фурӯши амволи БСТТИСТ «Тоҷпромбонк», ки давлатӣ гардидаанд, барпо менамояд

| № | Номгӯй | Суроға | Қитъаи замин ($м^2$) | Масоҳати сохтмон ($м^2$) | Арзиш (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Бино ва иншооти базаи маъмурию истеҳсолии ҶДММ «Тропикан инвест» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад | 6240 | 1594 | 5 000 000 |
| 2 | Бино ва иншооти минтақаи истироҳатӣ | ноҳияи Варзоб, деҳаи Харангон | 46902 | 2125 | 2 400 000 |
| 3 | Бинои фабрикаи дӯзандагии «Шарофат» | шаҳри Ҳисор, кӯчаи Қаюмов - 1 | 5800 | 3193 | 18 000 000 |
| 4 | Бино ва иншооти базаи истеҳсолӣ | шаҳри Ҳисор, кӯчаи Қаюмов - 2 | 20800 | 1238 | 4 000 000 |
| 5 | Бинои филиали БСТТИСТ «Тоҷпромбонк» | шаҳри Гулистон, кӯчаи М.Турсунзода, хонаи 2 | 1490 | 365 | 1 700 000 |
| 6 | Бинои маъмурӣ, сехи истеҳсолӣ ва сехи таъмири нақлиёти автомобилӣ дар ҳудуди ҶСШК «Заводи ба навъҳо ҷудокунии шағал» | ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, Ҷамоати деҳоти Холматов, гардиши Чорух-Даррон | 1313 | 2020 | 700 000 |
| 7 | Бино ва иншоотҳои ҶСШК «Ленпромстройматериал» | шаҳри Хуҷанд, минтақаи озоди иқтисодӣ | 22358 | 6520 | 3 300 000 |
| 8 | Дӯкони тиҷоратӣ | ноҳияи Рашт, кӯчаи Усмон | 10 | 10 | 89 645 |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, ошёнаи 2-юми «Маҷмааи амвол» оғоз ёфта, як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда – **шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-73-74.**

Фурӯш бо усули **англисӣ** сурат мегирад. Музояда **соати $10^{00}$** барпо мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 700 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок тариқи нақдӣ ба хазинаи корхона сурат мегирад ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби корхона гузаронида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, харидор ба ҳисоби фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани музояда бо суроғаи зерин: шаҳри Душанбе, кӯчаи Теҳрон - 21, тел: 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ **WWW.MUZOYADA-KVD.TJ** гирифтан мумкин аст.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Шартномаи гумшудаи байни ҶСП «Муқим-1» ва Сафаров Фирдавсӣ Давлатович, ки барои саҳмгузорӣ дар бунёди хонаи истиқоматӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, даромадгоҳи дуюми кӯчаи Абай-58, ҳуҷраи 79 санаи 13-уми апрели соли 2020 баста шудааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатнома оид ба амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкорӣ ва Иқтибос аз Феҳристи ягонаи бақайдгирии фаъолияти соҳибкории гумшуда, ки онҳоро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ ба ҶДММ «Ширкати кристалл» (РМА 120043835, РЯМ 1210013375) додааст, эътибор надоранд.

✓ Шаҳодатнома оид ба ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкорӣ ва Иқтибос аз Феҳристи ягонаи бақайдгирии фаъолияти соҳибкории гумшуда, ки онҳоро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ ба ҶДММ «Симурғ-2013» (РМА 120037199, РЯМ 1210007407) додааст, эътибор надоранд.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Сарикиштӣ, деҳаи Нишони Ленин ба Муҳидинова Ҷамила Қурбоналиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи А№990159-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №4-уми ноҳияи Москва (ҳоло ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ) соли 1983 ба Қурбонов Файзулло Сайдаҳмадович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии №104-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон соли 2022 ба Саидов Шодмон Аслиддинович додааст, эътибор надорад.

✓ Патенти гумшуда барои амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2011 ба Кишвари Қурбонмурод (РМА 045454516) додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2021 ба Латифов Акмалҷон Саидумарович додааст, эътибор надорад.

✓ Билети донишҷӯии гумшуда, ки онро Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2017 ба Сайдалиев Беҳрӯз Нусратуллоевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи тахти №1213-и гумшуда, ки онро Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2009 ба ташкилоти ҷамъиятии «Ором» додааст, эътибор надорад.

✓ Аттестати силсилаи БР №095969-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №37-и ноҳияи Қубодиён соли 1985 ба Одинаев Мирзохуджа Садодович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Алишер Навоӣ, бинои 5/3, квартираи 26 ба Мухамадиева Мумина додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Алишер Навоӣ, бинои 5/3, квартираи 26 ба Мухамадиева Мумина додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Алишер Навоӣ, бинои 5/3, квартираи 28 ба Абдулов Карим Абдулович додааст, эътибор надорад.

✓ Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Алишер Навоӣ, бинои 5/3, квартираи 28 ба Абдулов Карим Абдулович додааст, эътибор надорад.

✓ JD корти гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино соли 2017 ба Нурайл Ҷос Аҷин додааст, эътибор надорад.

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини наздиҳавлигии №0702397-и гумшуда, ки онро Кумитаи идораи замини ноҳияи Дарвоз 28-уми майи соли 2008 ба Нидоев Сайфиддин додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Чоряккорон, деҳаи Чоряккорондара ба Ҳалимова Баҳринисо Садирдиновна додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ Ташкилоти ҷамъиятии «Ором», ки тахти №1213, соли 2009 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Парвиз 2020», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии 0290265 буда, онро Нозироти андози ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд бо РМА 630019735 ва РЯМ 6310012051 додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ ҶДММ «Элита Тиҷорат», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии 0280998 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе бо РМА 030017212 ва РЯМ 0310002147 додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Намояндагии ҶСК Корпоратсияи Хитой «Гэчжоуба» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои Шаҳодатнома дар бораи таъсисёбӣ ва Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ бо РЯМ 0220002026 ва РМА 020046185 мебошад, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Конститутсия - кафолати рушди устувори давлатдорӣ ва волоияти қонун

Садои мардум

Муассис:
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН
Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд - 92-773-28-76, 92-771-76-72, водии Зарафшон - 93-535-06-66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17, НТМ - 000-03-03-80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 7 марти соли 2023, соати 17:30 иҷозат дода шуд.*
*Адади нашр - 35540 нусха*

Навбатдорони шумора
Ӯ. Назар
ва Н. Низомӣ

Тарроҳони компютерӣ
Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97